# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD). – Хуҷанд, 2025. – 169 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Забон чун падидаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи башар таҳаввул ва такомул ёфта, аз дирӯз то имрӯз ба тағйироти намоёне дучор гардидааст. Қобили зикр аст, ки чунин тағйирот дар ҳамаи сохтори забон, аз ҷумла дар ҳиссаҳои нутқ рух додааст.

Забони тоҷикӣ аз гурӯҳи забонҳои қадиму устувори дунёст, ки ҳамаҷониба тавонову пойдор буда, таърихи тулонӣ ва робитаи қавӣ бо забонҳои қадиму муосири ҷаҳон дорад. Агар ба гузаштаи забонҳо руҷуъ шавад, аён аст, ки гузаштаи ҳамаи забонҳои дунё умумӣ аст ва ба шаш оила мансуб мебошад. Забони тоҷикӣ ва забони яғнобӣ ҳам дар гузашта узви як оила буда, дар раванди таҳаввулоти таърихиву инкишофи ҷамъияту гузашти вақт аз ҳам ҷудо гардидаанд.

Забони яғнобӣ ба унвони як мероси нодири маданӣ то мо расидааст ва то дараҷае осебпазир ҳам ҳаст. Ҷиҳати нигаронкунандаи ин масъала дар он аст, ки рӯз аз рӯз доираи муоширати ин забон маҳдуд гардида истодааст ва ин омил хавфи аз байн рафтани онро бештар кардааст.

Лозим ба зикр аст, ки масъалаи ҳифзи забонҳо аз ҷумла забони яғнобӣ дар мадди назари роҳбарияти олии мамлакат ва ҳатто ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Ин аст, ки Маҷмааи Созмони Милали Муттаҳид забони яғнобиро ба гурӯҳи забонҳои нодир ворид карда, набудани дастуру маводи омӯзишии ин забонро боиси таассуф ва нигаронӣ ҳисобидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар

суханрониҳои хеш дар маврии таъриху тамаддуни миллӣ ба масъалаи ҳифзи забони яғнобӣ ишораҳо карда, супоришҳо додаанд, ки барои умри тулонӣ бахшидан ба ин забон чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Мавзуи диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» унвон дошат ба шиносномаи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқа мекунад.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки доир ба хусусиятҳои лексикиву грамматикии забони яғнобӣ ва умумияту тафовути он бо забони тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик тадқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Диссертатсия таърихи ташаккул ва таҳаввулоти унсурҳои луғавии забони яғнобӣ, бавижа феълро дар муқоиса бо забони тоҷикӣ фаро гирифтааст. Таҳаввулот дар забон асосан ҳангоми гузариши забонҳои эронӣ аз як давра ба дигар давра зиёд ба чашм расида, он аз ҷумлаи масоили проблемавии эроншиносӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, ба таври муқоисавӣ-таърихӣ таҳқиқ намудани вежагиҳои забонҳои эронӣ зарур ва саривақтӣ аст. Дар заминаи забонҳои ба ҳам хеш таҳқиқот анҷом додан, дар илми забоншиносӣ муҳиммияти бештарро касб менамояд, зеро чунин баррасӣ имкон медиҳад, ки умумият ва тафовути дастурии забонҳои таҳқиқшаванда мушаххас гардад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз ба масъалаи омӯзиши муқоисавии забонҳои хеш ва давраҳои мухталифи як забон аз ҳарвақта бештар зарурат пеш омадааст. Барои ҳифзу бақои забон ва фарҳангу тамаддуни миллӣ беш аз пеш бояд ба забони миллӣ ва таърихи он эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро мо – соҳибзабононро зарур аст, ки ҳар як сарвати луғавии ин забонро ҳифз карда, онро аз олоишот пок намуда, ба насовандон бо ҳамон салобату ғановаташ мерос гузорем. Чунонки Пешвои миллат фармудаанд: «Барои омӯзишу таҳқиқи таърихи забонамон ҳарчи бештар талош намуда, ҷиҳати омода

кардани мутахассисони таърихи забон, бахусус, донандагони забонҳои қадимаамон, ки имрӯз ангуштшумор мебошанд, инчунин, шевашиносону хатшиносон чораҷӯӣ намоянд, то ки дар асоси калимаву ибораҳои зебову шевои бостониамон нуқсу камбудиҳои забони имрӯзаамонро бартараф сохта, онро боз ҳам ғанӣ гардонем».

Нигориши диссертатсия роҳҳои пурпечухами корбурди унсурҳои грамматикиро дар забонҳои эронӣ, бавижа тоҷикӣ ва яғнобӣ, дар тули таърих муайян карда, барои нишон додани сурати минбаъдаи аносири луғавии забонҳои зиёршуда дорои аҳаммияти бузург аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада** дар он зоҳир гардидааст, ки дар илми забоншиносии тоҷик бори нахуст сайри таърихии аугмент дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба таври густарда таҳқиқ карда шуда, даврони фаъол/ғайрифаъол будани он дар бунёди замони гузаштаи феъл ошкор гардидааст.

Диссертант таърихи вижагиҳои корбурди аугментро дар се давраи инкишофи забонҳои эронӣ амсоли порсии бостон, авестоӣ, суғдӣ, хоразмӣ, толишӣ ва яғнобӣ бори нахуст ба таври муфассал ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Нишон додани сабабҳои дар мавқеъҳои гуногуни таркиби феълҳои сохторашон мухталиф ҷойгир шудани аугмент дар забони яғнобӣ низ аз тозакориҳои илмиест, ки дар рисолаи мазкур ҷой дорад.

Ҳамчунин унвонҷӯ, аввалин шуда дар забоншиносӣ роҳҳои ташаккули шаклҳои замони гузаштаи феълро дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ ба тариқи муқоиса мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллифи диссертатсия ба ҳайси **нуктаҳои муҳимми ба дифоъ пешниҳодшаванда** баррасии масоили гардиши аугмент аз забон-асоси ҳиндуаврупоӣ то давраи қадими забонҳои эронӣ, дар вазифаи аугмент дар чанде аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ садоноки е, вале дар гурӯҳи ҳиндуэронӣ (ориёӣ) садоноки а мавриди истифода қарор доштанаш, дар даврони баъдӣ аугмент хоси забонҳои шарқиэронӣ шуда, дар

забонҳои ғарбиэронӣ, аз ҷумла тоҷикӣ, бакуллӣ матрук гардиданаш, вазифаи худро пас аз гузариши забони порсӣ аз давраи қадим ба миёна ҳамчун унсури грамматикии замонсоз аз даст додани аугмент, дар забонҳои суғдиву хоразмӣ аугмент дар шаклҳои мухталифи а, ī- ва m- зуҳур карданаш ва монади инҳоро пешниҳод намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки пажуҳиш дар диссертатсия бо такя ба назарияҳои илмии забоншиносони тоҷик ва умумӣ сурат гирифтааст.

Зиёда аз ин, мутобиқати ҳаҷми диссертатсия ба талабони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, миқдори интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқро низ ба сифати нишондиҳандаи дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ метавон ном бурд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқро ифода мекунанд.

**Сохт ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқи диссертатсионии Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи осори таҳқиқӣ ва рӯйхатти интишороти муаллиф иборат буда, дар маҷмуъ 169 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад. Диссертатсия бо услуби хуби илмӣ таҳия шуда, мулоҳизаронӣ ва баҳсу муҳокимаҳои илмии мудаллал ба назар мерасанд.

Дар муқаддима мубрамӣ ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навоварӣ ва методҳои таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва масоили дигари марбут ба сохтори кори диссертатсионӣ баён шудаанд.

**Боби нахусти** диссертатсия – «**Аз таърихи зуҳури аугмент ҳамчун унсури замонсози феъл**» фарогири ду фаслу ёздаҳ зерфасл буда, дар он пайдоиш ва ташаккули аугмент дар забонҳои ғайриэронӣ: юнонӣ, арманӣ, фриқӣ, санскрит, ведоӣ, мавқеи корбурди он дар ташаккули замони гузаштаи феъли забонҳои порсии қадим ва авестоӣ, таҳаввулоти замони гузаштаи феъл дар забонҳои миёнаи ғарбиэронӣ (порсии миёна) ва мавқеи аугмент дар забонҳои миёнаи шарқиэронӣ (суғдӣ ва хоразмӣ) баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар оғози боб оид ба истилоҳи аугмент ва сохтору ҷузъҳои он маълумот дода, дар ин замина андешаи муҳаққиқонро ба риштаи баҳс кашидааст. Дар фасли аввали ин боб, ки аз панҷ зерфасл иборат аст, масъалаи истифодаи аугмент дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ, аз ҷумла, забонҳои юнонӣ, арманӣ, фриқӣ, санскрит ва ведоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми боби мазкур нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забонҳои эрониро фаро гирифтааст. Дар ин фасл гардиши аугмент дар баъзе аз забонҳои эронӣ ба монанди порсии қадим, авестоӣ, суғдӣ, хоразмӣ, толишӣ ва яғнобӣ таҳлил гардидааст. Дар фасли мазкур, ки шаш зерфаслро фаро гирифтааст, масоили истифодаи аугмент дар забонҳои порсии қадим, авестоӣ, забонҳои миёнаи шарқиэронӣ, аз ҷумла забони суғдӣ, хоразмӣ, дар забонҳои ғарбиэронӣ (порсии миёна) матраҳ гардидааст.

Дар **боби дуюми** диссертатсия, ки «**Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои нави эронӣ**» номгузорӣ шудааст, дар ду фаслу шаш зерфасл масоили марбут ба корбурди аугмент дар забонҳои толишӣ ва яғнобӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Унвонҷӯ бо баррасии андешаи муҳаққиқон дар ин самт ва таҳлили маводи фактологии мавҷуда нақши аугментро дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои толишӣ ва яғнобӣ муайян намудааст.

Фасли якуми боби мазкур ба масъалаи нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забони толишӣ ва фасли дуюм ба баррасии нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забони яғнобӣ нигаронида шудааст. Фасли дуюм фарогири шаш зерфасл буда, дар он оид ба таърихи таҳқиқи забони яғнобӣ, феълҳои забони яғнобӣ, вижагиҳои корбурди аугмент дар забонҳои суғдӣ ва яғнобӣ, мавқеи аугмент ва вижагиҳои корбурди он дар ташаккули замони гузаштаи феъл махсусиятҳои корбурди аугмент ва пешванди на- дар феълҳо, ҷойгоҳи аугмент дар феълҳои таркибӣ ва монанди инҳо ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

**Боби сеюм**и таҳқиқоти диссертатсионӣ «**Муқоисаи шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ**» номгузорӣ гардида, дорои ҳафт фасл мебошад. Муаллифи рисола дар ин қисмати кор шаклҳои гуногуни замони гузаштаи феълро бо такя ба маводи осори назарӣ ва забони зиндаи роиҷ ба баррасӣ кашидааст. Дастабандӣ дар фаслҳои ин боб вобаста ба сиғаҳо буда, фасли аввали боби мазкур ба масъалаи шакли замони гузаштаи содаи сиғаи хабарӣ, фаслҳои дуюм - шакли замони гузаштаи ҳикоягии сиғаи хабарӣ, сеюм - шакли замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ, чорум - шакли замони гузаштаи дури давомдор (муайян)-и сиғаи хабарӣ, панҷум - шаклҳои нақлии замони гузаштаи феъли сиғаи хабарӣ, шашум - вижагиҳои ташаккули замони гузаштаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, ҳафтум - вижагиҳои ташаккули замони гузаштаи сиғаи эҳтимолӣ нигаронида шуда, бо нишон додани шаклҳои замонии ифодаи феълҳо ва меъёрҳои тасрифашон матраҳ гардидаанд.

**Хулосаҳои** соҳиби диссертатсия дар 15 банд натиҷагирӣ ва матраҳ гардида, нуктаҳои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар охир **тавсияҳои** муҳим ва дархури масоили илмӣ дар 5 банд баён гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович бо номи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» таҳқиқоти муҳимми илмӣ буда, дар ин самт дар илми забоншиносии тоҷик пажуҳиши алоҳида сурат нагирифтааст. Диссертатсияи мазкур масоили назарию амалии марбут ба аугментро фаро гирифта, баррасии андешаи олимонро дар ин маврид дар асоси маводи сарчашмаҳо матраҳ намудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Диссертатсия метавонад дар оянда барои ошкор шудани гиреҳи муаммоҳои ташаккули замони гузаштаи феъли забонҳои ҳиндуаврупоӣ, бахусус, тоҷикиву яғнобӣ, мусоидат намуда, дар мисоли корбурди аугмент тағйироти ҷиддии сифатии рӯйдодаро дар сохтори забон ошкор намояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои онро метавон дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, чун муқаддимаи филологияи эронӣ, таърихи забони тоҷикӣ, грамматикаи таърихӣ ва муқоисавии забонҳои эронӣ истифода намуд. Бахшҳои алоҳидаи диссертатсия дар таълими фанҳои интихобӣ барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои олӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Инчунин, натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таълифи рисолаҳои магистриву докторӣ (PhD) ва маводи таълимӣ-методӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст. Аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷалла ва маҷмуаи мақолаҳои илмии ватаниву хориҷӣ интишор ёфтаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD)-и Самадов Рамазонӣ Саидназарович «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе **норасоиҳо, масоили баҳсталаб, ғалатҳои техникиву имлоӣ** ва монанди инҳо ҷой доранд, ки ба тариқи зайл аст.

1. Хуб мешуд, агар дар диссертатсия ихтисорот ба кор мерафт зеро истилоҳоти серистифода дар кор зиёданд.

2. Унвонҷӯ дар қисмати **асосҳои назарии таҳқиқ** «...*осори ба таърихи ташаккули замони гузаштаи феъли забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ бахшидаи забоншиносон*» гӯён номи 30 муҳаққиқро овардааст, аммо на ҳамаи он олимони зикршуда ба масъалаи аугмент, бавижа аугмент дар забони яғнобӣ дахл кардаанд. Бино бар ин, ибораи мазкур ба гунаи «...*осори забоншиносон*» зикр шавад беҳтар мебуд.

3. Номувофиқатӣ дар мундариҷа ва дохили кор ба мушоҳида мерасад.

Аз ҷумла:

А) Дар мундариҷа кор қисмати охир бо номи «*Хулосаҳо*» дар матн ба гунаи «*Хулоса*» бе пасванди ҷамъбандӣ омадааст (с. 3, 151).

Б) Аз зерфасли 1.2.6. вожаи «*миёна*» аз таркиби ибораи «*забонҳои миёнаи ғарбиэронӣ*» фурӯгузор гардидааст (с. 2, 56).

В) Дар мундарича кор аз банди 2.1.2. вожаи «*таърихи*» афтодааст (с. 2, 70).

Г) Қисмати «*Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*» дар дохили кор мавҷуд буда, дар мундариҷа ҷой дода нашудааст (с. 3, 151).

Ғ) Дар қисмати **тавсияҳо** дар охири кор вожаи «*тадқиқот*» зикр нашудааст (с. 3, 154).

4. Баъзан зимни овардани маълумоти назариявӣ сарчашмаи иттилоот нишон дода нашудааст. Масалан, дар мавриди таърихи забонҳои модӣ, сакоӣ ва назири инҳо (с. 32, 33).

5. Дар дохили диссертатсия диаграммаю ҷадвалҳо оварда шудаанд, ки тибқи талаботи таҳияи рисолаҳои илмӣ замима шудани онҳо беҳтар аст (с. 40, 46, 54, 55, 92…).

6. Ҳам дар диссертатсия ва ҳам дар автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва пунктуатсионӣ ҷой доранд (диссертатсия, с.27, 39; автореферат: бахши тоҷикӣ, с.2, 4..; бахши русӣ, с. 4, 38…).

7. Дар баъзе маврид зикри адабиёт дар қисмати русии автореферат фурӯгузор гардидааст (с.38…).

8. Ҳангоми зикри сарчашмаҳои электронӣ ва сомонаҳо пайдарпайии таърихи муроҷиат ва дастрасӣ (хронология) риоя нагардидааст (с. 166-167).

Норасоиҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Онҳоро ҳангоми таҳияи диссертатсия дар шакли монография ба эътибор гирифтан ба манфиати кор хоҳад буд.

Муаллифи диссертатсия ба ҳайси **нуктаҳои муҳимми ба дифоъ пешниҳодшаванда** баррасии масоили гардиши аугмент аз забон-асоси ҳиндуаврупоӣ то давраи қадими забонҳои эронӣ, дар вазифаи аугмент дар чанде аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ садоноки е, вале дар гурӯҳи ҳиндуэронӣ (ориёӣ) садоноки а мавриди истифода қарор доштанаш, дар даврони баъдӣ аугмент хоси забонҳои шарқиэронӣ шуда, дар

забонҳои ғарбиэронӣ, аз ҷумла тоҷикӣ, бакуллӣ матрук гардиданаш, вазифаи худро пас аз гузариши забони порсӣ аз давраи қадим ба миёна ҳамчун унсури грамматикии замонсоз аз даст додани аугмент, дар забонҳои суғдиву хоразмӣ аугмент дар шаклҳои мухталифи a, ī- ва m- зуҳур карданаш ва монади инҳоро пешниҳод намудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Қосимов Олимҷон Ҳабибович**

«_02_» _сентябри_ соли 2025-ум

**Имзои** Қосимов О.Ҳ.-ро **тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода **Юсупов Б.Ғ.**

**Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
**Тел.:** (+992-37) 232-50-00; 232-50-03.
**Сомона:** www.ddzt.tj. **E-mail:** ddzt@ddzt.tj
«_02_» _сентябри_ соли 2025-ум